# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи: «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. ш. Душанбе, 2025 сол**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи: «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 25 октябри соли 2024, №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар заминаи рушди бомайлони қонунгузорӣ ва зарурати мутобиқсозии он ба талаботи байналмилалӣ ва таҳкими адолат дар раванди мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ - масъалаи танзими ҳуқуқии истифодаи натиҷаҳои ФОҶ, бахусус дар самти мурофиаи ҷиноятӣ чун яке аз мавзӯҳои мубрами сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ба ин масъала ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳим таъкид намуда, зарурати таҳкими ҷанбаҳои мурофиавӣ-ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣро махсус қайд мекунад. Мавзуи таҳқиқот, ки ба таҳлили илмӣ-амалии асосҳои ҳуқуқии истифодаи натиҷаҳои ФОҶ бахшида шудааст, саривақтӣ ва зарур аст. Танзими дуруст ва мукаммали ҳуқуқии ҷараёни оғоз, гузаронидан ва истифодаи натиҷаҳои ФОҶ ин кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пешгирии амалҳои номатлуб, таҳқиромез ва ғайриодилонаи кормандони мақомоти ваколатдор ва ба ин васила таъмин намудани боварии ҷомеа ба низоми адлияи ҷиноятӣ мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур ба рушди назариявӣ ва амалии низоми ҳуқуқии кишвар дар самти мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ ва таъмини адолати судӣ саҳми муносиб мегузорад.

Бо дарназардошти дастовардҳои назариявӣ ва тақвият ёфтани усулу роҳҳои мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ, низоми ҳуқуқии Тоҷикистон бояд танзими мукаммал ва равандҳои шаффофу муассири истифодаи натиҷаҳои ФОҶ-ро таъмин намояд. Тадқиқоти мазкур боиси коҳиш ёфтани баҳсҳо андар истифодаи натиҷаҳои фоҷ зимни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, баланд бардоштани сифати далелии натиҷаҳои фоҷ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои

шаҳрвандон мегардад. Масалан, танзими мукаммали меъёрию ҳуқуқии тартиби гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, натиҷаи онҳо метавонад истифодаи ғайриқонунии маълумот ва таъқиботи беасоси шаҳрвандонро пешгирӣ намояд.

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ба таҳкими ҷанбаҳои мурофиавии ФОҶ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад ва зарурати мутобиқсозии қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқиро таъкид менамояд. Инчунин, таҳқиқоти илмӣ-амалӣ дар ин соҳа метавонад барои пешниҳоди тағйирот ва иловаҳои муфид ба қонунгузории фоҷ ва мурофиаи ҷиноятӣ заминаи устувор фароҳам меорад. Аз ин лиҳоз, мавзӯи таҳқиқот, ки ба таҳлили ҳуқуқии истифодаи натиҷаҳои ФОҶ бахшида шудааст, на танҳо барои илм, балки барои пиёда намудани консепсияи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон ва амалиёти босамари мақомоти махсуси давлатӣ ва рушди низоми адлияи ҷиноятӣ аҳаммияти калон дорад.

Таҳқиқоти гузаронидашуда собит намудааст, ки самаранокии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва истифодаи натиҷаҳои он дар мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳалли дурусти парвандаҳои ҷиноятӣ метавонад таъсири мусбӣ ва ё манфӣ расонад. Истифодаи далелҳои бадастовардаи ФОҶ бояд мутобиқ ба қонунгузории амалкунанда сурат гирифта, тибқи меъёрҳои муқарраршуда ба расмият даровардa (ҳуҷҷатнок) шавад.

Ҳуҷҷатноккунии фоҷ бо мақсади мафҳуз нигаҳдории маълумоти ҷамъоваришуда, мураттабсозии онҳо, қабули қарорҳои дахлдор, санҷиш ва баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои фоҷ амалӣ карда шуда, ҳам барои расидан ба мақсади фоҷ ва ҳам барои иҷроиши вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ муҳим ҳисоб мешавад. Мутаасифона таҷрибаи мақомоти амаликунандаи фоҷ нишон медиҳад, ки на ҳамеша кормандони ваколатдор бо назардошти риояи мақсаду вазифаҳо, асос ва шарти гузаронидани фоҷ, барасмиятдарории онҳо амал намуда, ба натиҷаҳои мувофиқ муваффақ мешаванд ва ё худи қонунгузории фоҷ расмиёти мукаммали чораҳои мушаххаси оперативӣ-ҷустуҷӯиро пешбинӣ накардааст, ки боиси мушкилоту муаммоҳои амалӣ мегардад.

Дигар мушкилоти амалие, ки дар таҷрибаи ҳатто кормандони штатӣ ба назар мерасад, ин гӯё оғоз намудани парвандаҳои баҳисобгирии оперативӣ асос барои маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ, манфиати қонунии инсон ва шаҳрванд мешуда бошад, ки чунин нест.

Хулоса, мавзӯи таҳқиқот на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки аз ҷиҳати амаливу меъёрӣ-ҳуқуқӣ низ муҳим ва саривақтӣ мебошад. Маводи ҷамъоваришуда метавонад дар такмили низоми ҳуқуқии кишвар ва баланд

бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саҳми назаррас гузорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи мазкур дорои навгонии илмии назаррас мебошад ва бори аввал дар сатҳи монографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ФОҶ)-ро ба таври мукаммал, аз ҷиҳати назариявию амалӣ ва ҳуқуқӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор медиҳад.

Дараҷаи навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:

1. Бори аввал мафҳуми «натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» бо такя ба манбаъҳои қонунӣ, дастовардҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалии ҳуқуқии кишвар таҳлил гардида, таърифу таснифи илмӣ дода шудааст;

2. Механизми ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ (аз марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ то марҳилаи муҳокимаи судӣ) муфассал таҳқиқ шудааст, ки дар адабиёти ҳуқуқии кишвар қаблан чунин таҳқиқот мавҷуд набуд;

3. Раванди ташаккул ва таҳкими институтҳои ҳуқуқии истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар низоми мубориза бо ҷинояткорӣ таҳлил гардида, арзиш ва зарурати мавҷудияти он собит карда шудааст;

4. Масъалаи назорати судӣ ва идоравӣ ҳамчун унсури муҳимми таъмини қонуният дар фаъолияти ФОҶ ва истифодаи натиҷаҳои он, бо дарназардошти хусусияти пӯшида ва ғайриошкоро будани ин фаъолияти ҳуқуқӣ, ба таври таҳлилӣ ва интиқодӣ баррасӣ шудааст;

5. Мушкилоти асосии амалисозии натиҷаҳои ФОҶ ва сабабҳои номуваффақии онҳо дар мурофиаи судӣ дақиқ карда шуда, тақсимоти илмии мантиқии он ба ду гурӯҳ (қонунвайронкунӣ ва ҳуҷҷатгузории нодуруст) пешниҳод гардидааст;

6. Дар таҳқиқот тавсияҳои амалӣ барои такмили қонунгузории соҳаи ФОҶ, мукаммалгардонии механизмҳои ҳуқуқӣ ва баландбардории самаранокии назорати судӣ ва идоравӣ пешниҳод гардидаанд.

Бо дарназардошти ҳама ҷанбаҳои мазкур, диссертатсияи пешниҳодшуда навоварии илмии баланд дорад, ки метавонад дар таҳкими асосҳои назариявӣ ва амалӣ ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар низоми мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузорад. Таҳқиқоти мазкур ба сифати як манбаи илмӣ ва

таҳлилӣ метавонад барои ҳуқуқшиносон, муфаттишон, судяҳо, прокуророн ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода шавад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодгардида дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар мавзӯи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» дорои асоснокии назариявӣ ва эътимоднокии амалӣ мебошанд.

Асоснокии онҳо дар он ифода мeёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқот бар пояи омӯзиши амиқи қонунгузории амалкунанда, таҷрибаи амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таҳлили муқаррароти қонунҳои марбута ва ҳамчунин таҳқиқи мавқеи назарии донишмандони соҳа таҳия гардидаанд. Ҳар як хулоса аз таҳлили маҷмуи санадҳои ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ бармеояд, ки ба равшан намудани паҳлӯҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ мусоидат менамояд.

Эътимоднокии хулосаҳо аз он бармеояд, ки онҳо бо такя ба мисолҳои воқеии амалияи мақомоти тафтишотӣ ва мурофиаи судӣ таҳия гардида, дар худ масъалаҳои муҳимми татбиқи ҳуқуқ, мушкилоти роиҷ ва пешниҳодҳои мантиқӣ ҷиҳати ислоҳи онҳо дар бар мегиранд. Натиҷаҳо бо дарназардошти талаботи қонунгузории мурофиавӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таҳлил гардида, тавсияҳои пешниҳодшуда аз назари ҳуқуқӣ асоснок ва қобили татбиқ дар амалия мебошанд.

Илова бар ин, тавсияҳо дар асоси муҳокимаи мушаххасоти низоми назорати прокурорӣ, идоравӣ ва судӣ таҳия гардида, бо дарназардошти талаботи қонун, таҷрибаи мавҷуда ва эҳтиёҷоти амалии низоми адлияи ҷиноятӣ равона карда шудаанд. Аз ин ҷиҳат, онҳо метавонанд барои такмили қонунгузорӣ, беҳсозии амалияи татбиқи ҳуқуқ ва таҳкими ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсият мусоидат намоянд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи: «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 217 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуъ шарҳ дода шуда, мушкилоте, ки дар назария ва амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба

асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мавҷуданд, пешкаш гардидаанд. Маҳз ҳамин мушкилот мубрамӣ ва аҳаммияти илмии мавзуи мазкурро таъкид менамоянд. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастовардашуда, муайян гардидаанд.

**Боби якуми** рисолаи мазкур ба баррасии масоили муҳимми назариявӣ ва ҳуқуқии истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар зербоби якум мафҳуми «натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»-ро бо дарназардошти манбаъҳои гуногуни илмӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии соҳа таҳлил намуда, таъриф ва хусусиятҳои асосии онро муайян намудааст.

Аз ҷумла, натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ – дастовардҳои ҳуҷҷатноккардашудаи мақомоти амаликунандаи фаъолияти мазкур мебошанд, ки мувофиқи қонунгузории соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ оид ба ҷиноятҳое, ки дар марҳилаи тайёршавӣ, содиршавӣ ё анҷомёфта қарор доранд, инчунин нисбати иштирокчиёни чунин ҷиноятҳо ва шахсоне, ки худро аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пинҳон медоранд, ҷамъ оварда шудаанд (саҳ. 47).

Дар зербоби дуюм, раванди ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодаи ин натиҷаҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муаллиф бо истифода аз муқоисаи таҷрибаи қонунгузории ҷумҳурӣ ва баъзе давлатҳои хориҷӣ, таҳаввулоти муҳимро дар самти таъмини асоснок ва қонунии истифодаи чунин натиҷаҳо равшан кардааст.

Чунончӣ, раванди ташаккулёбӣ ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин дар ин ҷараёни таъсиси механизми устувори амалигардонии он дар таҷрибаи мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат мекунанд, ки дар натиҷаи тадбирҳо дар ин самт андешидашуда, институти истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи низоми муқовимат ба ҷинояткорӣ ба вуҷуд омадааст. Таърихи институти мазкур, ки дар кишварамон зиёда аз ним аср давом дорад, зарурату самаранокии онро тасдиқ мекунад, зеро иқтидори мақомоти амаликунандаи ФОҶ дар натиҷаҳои он инъикосгардида тавассути механизми истифодабариашон дар рафти мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ихтиёри мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва судя (суд) дастрас шуда, ба онҳо имконият медиҳад уҳдадорӣ ва вазифаҳояшонро дар сатҳи талабгардидаи қонун иҷро намоянд (саҳ. 59-60).

Муаллиф бо такя ба таҳлили назариявӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ тавонистааст, ки асоснокии илмии масъала ва аҳаммияти амалии онро ба таври возеҳ нишон диҳад. Тарзи баёни масъала, мантиқи таҳқиқот, истифодаи манбаъҳои илмию ҳуқуқӣ ва тавсияи нуктаҳои баҳсбарангез, аз сатҳи баланди таҳқиқот дарак медиҳанд.

**Боби дуюми** кори илмӣ ба таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии механизми истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ФОҶ) дар марҳилаҳои мухталифи мурофиаи ҷиноятӣ бахшида шуда, муҳтавои он ба таври возеҳ ва мукаммал ифодагари мавқеи ҳуқуқии ин навъи фаъолият дар низоми исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Дар зербоби якум, муаллиф нишон медиҳад, ки ҷамъоварии натиҷаҳои ФОҶ то оғози парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун яке аз марҳилаҳои ибтидоии мубориза бо ҷинояткорӣ ва таҳкими асоси ҳуқуқии оғоз намудани парванда маҳсуб меёбад. Муайян карда мешавад, ки чунин натиҷаҳо асосан тавассути чорабиниҳои оперативӣ дар асоси қонунгузории дахлдор ҷамъоварӣ шуда, метавонанд заминаи оғози парвандаи ҷиноятӣ гарданд.

Зербоби дуюм ба тартиби истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар рафти тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ бахшида шуда, зикр мегардад, ки санҷиш ва баҳодиҳии қонуният ва эътибори ҳуқуқии чунин натиҷаҳо вазифаи муҳими муфаттиш ва таҳқиқбаранда мебошад. Натиҷаҳои ФОҶ танҳо дар сурате қобили истифодабарӣ дар парванда мебошанд, ки онҳо бо талаботи қонунгузории мурофиавӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мувофиқат кунанд.

Зербоби сеюм масъалаи истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар марҳилаи мурофиаи судиро баррасӣ намуда, таъкид менамояд, ки суд ҳамчун мақоми мустақил ва холис ба арзёбии натиҷаҳои пешниҳодгардида машғул шуда, дар доираи ваколатҳои худ функсияи назоратиро низ иҷро менамояд. Суд натиҷаҳои ФОҶ-ро дар заминаи қонунгузорӣ таҳлил намуда, қобилияти онҳоро ҳамчун далелҳои исботкунандаи судӣ муайян месозад. Дар ин замина, нақши суд ҳамчун ҳалкунандаи асосӣ дар татбиқи ҳуқуқ ва таъмини адолати судӣ хеле муҳим шумурда мешавад.

Дар зербоби чорум мушкилот ва монеаҳои амалии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф мушкилотро ба ду самт тақсим менамояд: а) мушкилоте, ки ба равандҳои амалии тафтиш ва мурофиаи судӣ мансубанд; б) мушкилоте, ки аз камбудиҳои назариявӣ ва ҳуқуқии танзими фаъолияти ФОҶ бармеоянд. Аз ҷумла, ба монанди: сифати пасти фаъолияти оперативӣ, номувофиқии ҳуҷҷатгузорӣ ба талаботи қонун ва поймолшавии меъёрҳои қонунгузорӣ дар амалиёти оперативӣ. Муаллиф инчунин қайд мекунад, ки мушкилоти мазкур

метавонанд ба қобилияти ҳуқуқии натиҷаҳо таъсири манфӣ расонанд ва истифодаи онҳоро дар мурофиаи судӣ ғайриимкон гардонанд.

Хулоса, боби дуюм аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ таҳлили амиқи низоми истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро фаро гирифта, ба таври муътамад масъалаҳои калидии ҳуқуқӣ, ташкиливу амалиро инъикос менамояд. Муаллиф тавонистааст, ки ҳам зарурат ва ҳам маҳдудиятҳои ҳуқуқии истифодабарии чунин натиҷаҳоро дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ нишон диҳад. Хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд барои такмил додани қонунгузорӣ ва таҷрибаи амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо асоси муфид бошанд.

**Дар боби сеюми** таҳқиқот, масъалаҳои марбут ба самаранокии низоми назорат бар истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ФОҶ) мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, масъалаҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ дар ду самти калидӣ – назорати идоравӣ ва назорати прокурорӣ баррасӣ шудаанд.

1. Назорати идоравӣ, ки аз ҷониби роҳбарияти дохилии мақомоти амалкунандаи ФОҶ амалӣ мегардад, ҳамчун воситаи таъмини риояи қонуният дар худи сохторҳои оперативӣ таҳлил шудааст. Хусусияти асосии он дар худназоратӣ зоҳир ёфта, бо дарназардошти хусусияти пӯшида ва махфии ФОҶ, зарурати тақвияти назорати беруна таъкид мегардад.

2. Ҳамзамон, камбудиҳои ҷиддии низоми назоратбарии идоравӣ, аз ҷумла мутобиқати манфиатҳои идоравӣ бо талаботи қонун ва ҷой гирифтани риояи қонуният дар зинаи дуюм, нишон дода шудаанд. Таъкид мешавад, ки ин масъала реша дар таҷрибаи собиқаи шуравӣ дошта, имрӯз низ боқӣ мондааст.

3. Дар қисмати назорати прокурорӣ, мақоми прокуратура ҳамчун кафили волоияти қонун, нақши калидӣ дар марҳилаҳои мухталифи мурофиаи ҷиноятӣ иҷро мекунад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба назорати истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар парвандаҳои ҷиноятӣ равона шуда, маҳдудиятҳо ва ваколатҳои амалии он (аз ҷумла, чораҳои таъсиррасонии прокурорӣ) таҳлил шудаанд.

Хулоса бар он асос меёбад, ки назорати прокурорӣ ва судӣ бояд ҳамчун механизми ҷубронкунандаи камбудиҳои назорати идоравӣ амал намоянд. Барои таъмини самаранокии умумии назорат, тақвияти ҳамкории мақомоти дахлдор, равшании заминаҳои ҳуқуқӣ ва афзоиши шаффофияти раванди истифодаи натиҷаҳои ФОҶ муҳим шуморида мешаванд.

Дар маҷмуъ, муаллиф пешниҳод мекунад, ки барои пурзӯр кардани назорат бар истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, бояд низоми мутавозин ва ҳамоҳангшудаи назорати идоравӣ, прокурорӣ ва судӣ

ташаккул дода шавад, то ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва волоияти қонун ба таври устувор таъмин гардад.

Хулоса аз 12 банди аҳаммияти назариявӣ дошта ва 6 банди ба такмили қонунгузорӣ равонашуда иборат мебошад, ки баъзе аз онҳо давр навбати худ ба зербандҳо низ ҷудо мешаванд.

Дар хулоси таҳқиқоти мазкур бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷониба ва муқоисавии масъалаҳои асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, зарурати такмили қонунгузории миллӣ пешниҳодҳо шудааст. Хулосаҳои таҳқиқот заминаи назариявию амалиро барои беҳтар намудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оиди истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ фароҳам оварда ва ба беҳтар шудани сатҳи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат намуда метавонанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Муҳтаво ва мавзуи диссертатсия таҳқиқоти амиқ ва муфассалро дар самти танзими ҳуқуқии истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ дарбар мегирад. Аз нуқтаи назарии илмӣ, ин кор навоварӣ ва таҷдиди назарияҳои ҳуқуқӣ, инчунин таҳкими фанни ҳуқуқшиносӣ ва криминология мебошад. Муаллиф бо пешниҳоди чунин низом ва таҳлили дақиқ мафҳумҳо ва механизмҳои истифодаи натиҷаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро таҳия намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт заминаи қавӣ гузоштааст.

Дар самти амалӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судяҳо ва дигар субъектҳои мурофиаи ҷиноятӣ воситаҳои нави ҳуқуқӣ ва механизмҳои назоратиро пешниҳод мекунанд, ки метавонанд сифати тафтиши парвандаҳоро баланд бардоранд ва равандҳои мурофиаҳои судиро боэътимод ва қонунмандона созанд. Ин муҳим аст, зеро дар амалиёт истифодаи дурусти маълумотҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ манбаи асосии ҳалли дуруст ва адолатнокии мурофиа мебошад.

Ҳамчунин, аҳаммияти иқтисодӣ дар ин таҳқиқот равшан аст: мӯътадилгардонии истифодаи натиҷаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва назорати қатъӣ ба коҳиши хароҷот дар раванди тафтиш ва мурофиаҳои судӣ мусоидат мекунад. Ин раванд метавонад ба истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ ва техникии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оварда расонад.

Дар доираи аҳаммияти иҷтимоӣ, ин таҳқиқот боиси афзоиши эътимоди ҷомеа ба низоми адлия, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини адолати иҷтимоӣ мегардад. Танзими қонунӣ ва риояи қатъии меъёрҳо дар истифодаи

натиҷаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таъсири мусбат ба суботи иҷтимоӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дорад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои диссертатсия бо дарназардошти аҳаммияти ҳамаҷониба – илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ – барои рушди фанни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дар умум барои рушди фанҳои ҳуқуқӣ ва такмили истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ саҳми арзанда доранд ва метавонанд ҳамчун асоси устувори омӯзишӣ ва амалӣ дар оянда истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Бо мақсади арзёбии ҷавобгӯй ва кофӣ будани нашри натиҷаҳои таҳқиқот барои додани дараҷаи илмӣ, тибқи талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, рӯйхати нашрияҳои илмии довталаб мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифт.

Рӯйхат иборат аст аз мақолаҳои нашргардида дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ба таври возеҳ ва бо доираи васеи муҳокимаи илмӣ баён шудаанд. Инчунин, мақолаҳои иловагӣ дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва нашрияҳои илмӣ-амалӣ ҷой дода шудаанд, ки ҳамкории илмию амалии таҳқиқотро таъкид менамоянд.

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 6 мақолаи илмӣ, ки аз он 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, дарҷ гардидаанд.

Нашрияҳои пешниҳодшуда дорои рақамҳои ISSN мебошанд ва дар давраи солҳои 2022 то 2025 мунтазам ба нашр расидаанд, ки нишони устувор ва мунтазам будани фаъолияти илмии довталаб мебошад.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи

дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-юни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Ҷумлаҳои дароз,ибораҳои такрорӣ ва забони мураккаб дар баъзе қисматҳо (махсусан дар тавсифи марҳилаҳо) мушоҳида мешаванд, ки фаҳми мураттаб ва илмии матнро душвор месозанд. Ин мушкилот метавонад бо таҳрири услубӣ бартараф шавад.

2. Бо вуҷуди он, ки амалинамоии ФОҶ ба ҳуқуқҳои асосии инсон таъсир дорад (масалан, дахолат ба зиндагии шахсӣ), рисола дар ин замина фарогири ин масъалаҳо нест. Мавқеи Суди Конститутсионӣ ё меъёрҳои байналмилалӣ оид ба ин масъала мушаххас карда нашудааст.

3. Гарчанде, ки дар рисола назорати прокурорӣ муҳим дониста шудааст, вале роҳҳои мушаххаси беҳтар намудани самаранокии он пешниҳод нашудаанд. Масалан, гуфта нашудааст, ки кадом шаклҳои ҳуҷҷати санҷишӣ бояд тағйир ёбанд, ё чӣ гуна механизмҳо татбиқ шаванд.

4. Таҳқиқот муносиб ба номи мавзӯъ ва мукаммалтар мегардид, агар истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустутҷӯиро на танҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ, балки дар дигар самтҳо низ мавриди омӯзиш, таҳлил ва хулосабарорӣ қарор дода мешуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи макурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ
ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Искандаров З.Ҳ.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, х. Рӯдакӣ, 17
Тел: (+992) 918 61 40 75 E-mail: ziskan@mail.ru

Имзои Искандаров З.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
https://law.tnu.tj/tj/asosi/

«20» 08 2025 сол

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Шодихонзода Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ * TAJIK NATIONAL UNIVERSITY